**ПРОТОКОЛИ №8**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-088**
**назди Донишгоҳи давлатии Данғара**

аз 29 – уми ноябри соли 2025 н. Данғара

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои Шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №34/шд тасдиқ гардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро нишон муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло ва аъзои комиссия Асозода Ҳотам Раҷаб ва Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя қабул карда шавад.

**2.** Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ;

- **Маликова Анзурат Саъдуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 07.02.2026, соати 11:00 таъйин карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА